# Шарҳи моҳонаи таваррум • АПРЕЛИ 2026

**Дар моҳи апрели соли 2026 сатҳи таваррум[1] 0,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

## Таварруми хӯрокворӣ

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба андозаи 0,9 фоиз (саҳм дар таваррум 0,4 б.ф.) раванди болоравӣ дошт. Афзоишёбии мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи себ 16,1 фоиз, сабзӣ 10,3 фоиз, помидор 9,5 фоиз, шакар 9,4 фоиз, картошка 4,7 фоиз, карам 3,2 фоиз, лиму 1,4 фоиз, равғани пахта 1,3 фоиз, равғани офтобпараст 1,1 фоиз, ангур 1,0 фоиз, нок 0,8 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,7 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи бодиринг 9,5 фоиз, қаламфури булғорӣ 6,4 фоиз, тухм 3,9 фоиз, пиёз 3,4 фоиз, лаблабу 2,4 фоиз, биринҷ 2,1 фоиз ва гӯшти мурғ 1,2 фоиз ба назар расид.

## Таварруми ғайрихӯрокворӣ

Болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар ин моҳ 0,5 фоиз ба қайд гирифта шуда (0,2 банди фоизӣ), бештар аз ҳисоби қиматшавии нархи сӯзишвории дизелӣ 12,4 фоиз, бензин (АИ 92) 10,3 фоиз, гази моеъ 4,0 фоиз, либос ва пойафзол 0,3 фоиз мушоҳида гардид.

## Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи баррасишаванда дар умум бетағйир боқӣ монд. Дар баробари ин болоравии нархи хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо 1,5 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 1,1 фоиз ва манзилию коммуналӣ 0,2 фоиз ба амал омад.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи апрели 2026, дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (5%±2 банди фоизӣ) қарор дошта,**

**Таварруми моҳона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таварруми солона ва ҳадафи он бо фоиз**
(манбаъ: Агентиии омор ва Бонки миллии Тоҷикистон)



**3,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта бетағйир мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи апрели соли 2026 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 32,4 фоиз, Қазоқистон 10,6 фоиз, Ӯзбекистон 7,0 фоиз, Гурҷистон 5,9 фоиз, Беларус 5,4 фоиз ва Арманистон 5,3 фоизро ташкил медиҳад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи апрели 0,2 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад ба 2,5 фоиз баробар гардид.

**Бо мақсади дар доираи ҳадафи муқарраршуда, нигоҳ доштани сатҳи таваррум Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзиро бо истифода аз воситаҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Таварруми моҳи дар моҳи апрел дар кишварҳои шарикони асосии савдо ва минтақа бо фоиз**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | 2026 | | | | Апрел тағйирёбии моҳона бо % |
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Март | Июн | Июл | Сен | Дек | Янв | Фев | Март | Апрел | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,4** | **2,8** | **3,5** | **3,6** | **3,6** | **3,4** | **3,5** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **52,0** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **4,1** | **4,5** | **3,1** | **4,4** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **4,3** | **0,9** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,5 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -3,2 | -5,7 | -5,1 | -3,0 | 0,4 | 0,9 | 1,3 | 3,3 | 4,2 | 0,3 |
| Биринҷ | 2,6 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 5,1 | 0,7 | -0,8 | -2,6 | -3,9 | -7,1 | -8,2 | -10,1 | -10,7 | -2,1 |
| Орд | 4,1 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -11,0 | -13,2 | -13,0 | -13,1 | -11,5 | -7,9 | -6,3 | -4,2 | -2,9 | 0,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,6 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,6 | 15,1 | 14,1 | 13,8 | 10,9 | 11,6 | 11,0 | 9,6 | 8,6 | 0,1 |
| Гӯшти гов | 3,5 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 24,7 | 25,0 | 23,2 | 20,8 | 14,4 | 14,9 | 14,0 | 12,1 | 11,1 | 0,4 |
| Тухм | 1,9 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 10,1 | 22,1 | 26,0 | 7,7 | 6,0 | 1,0 | 4,5 | -2,6 | 0,2 | -3,9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 5,5 | 5,6 | 4,2 | 3,8 | 6,3 | 5,4 | 5,5 | 2,8 | 3,5 | -0,5 |
| Шир | 0,8 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 9,3 | 10,5 | 11,1 | 5,3 | 10,6 | 9,4 | 8,7 | 2,4 | 2,2 | -1,9 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,3 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 14,4 | 15,0 | 12,2 | 11,1 | 3,6 | 4,7 | 4,2 | 4,3 | 3,1 | 1,0 |
| Меваҷот | 3,3 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -7,4 | -15,4 | -10,3 | -2,7 | 7,3 | 10,4 | 10,5 | 8,9 | 13,2 | 4,8 |
| Сабзавот | 6,9 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 7,4 | 24,1 | 23,2 | 8,1 | 9,8 | 6,7 | 4,7 | 0,0 | -1,8 | 1,4 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -9,7 | -8,1 | -8,8 | -9,4 | -8,2 | -5,8 | -6,3 | -3,2 | 5,0 | 9,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,9 | 2,8 | 3,4 | 3,7 | 4,0 | 4,8 | 1,1 |
| Хӯроки умумӣ** | 1,1 | 9,0 | 6,3 | 6,3 | 10,9 | 5,9 | 13,1 | 13,7 | 14,6 | 8,9 | 8,8 | 6,8 | 8,1 | 9,3 | 1,1 |
| Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку | 0,7 | 3,0 | 4,5 | 5,7 | 9,4 | 9,4 | 7,9 | 5,7 | 5,5 | 1,8 | 1,6 | 0,8 | 0,9 | 0,9 | 0,0 |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **36,1** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **2,3** | **1,7** | **1,0** | **1,5** | **1,9** | **1,1** | **1,2** | **1,6** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 13,0 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 2,2 | 1,4 | 1,8 | 3,2 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 2,8 | 3,4 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,9 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,6 | 1,4 | 1,4 | 0,2 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маводи шустушӯӣ | 1,0 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | -1,9 | -2,6 | -1,8 | 2,7 | 4,1 | 4,1 | 4,1 | 5,4 | 5,5 | 0,0 |
| Доруворӣ | 0,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,2 | 2,9 | 2,9 | 1,4 | -0,3 | -0,5 | -4,2 | -3,4 | -3,3 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,5 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | -0,1 | -3,6 | -13,4 | -20,0 | -14,4 | -6,8 | -7,9 | -9,8 | -2,6 | 6,8 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 3,7 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 2,6 | 2,7 | 0,4 | 0,4 | 0,8 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 2,6 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,1 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 2,1 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 1,5 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,5 | 1,8 | 1,6 | 1,4 | 2,4 | 1,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **12,4** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,3** | **4,2** | **4,1** | **5,3** | **5,7** | **5,2** | **7,3** | **7,3** | **5,5** | **0,0** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,1 | 7,8 | 6,7 | 10,1 | 10,9 | 10,8 | 17,7 | 18,5 | 12,1 | 0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,8 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,9 | 6,8 | 6,8 | 6,7 | 5,5 | 2,0 | 1,0 | 0,8 | 0,8 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 44,0 | 40,5 | 36,1 | 36,9 | 37,2 | 0,2 |
| Қувваи барқ | 2,2 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 14,1 | 14,2 | 13,9 | 13,9 | 13,7 | 29,7 | 31,9 | 14,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,2 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -1,0 | 0,3 | -16,6 | -29,3 | -24,3 | -10,4 | -10,5 | -15,6 | -12,8 | 3,7 |
| Нақлиёт | 1,9 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 0,9 | 1,4 | 1,0 | -0,3 | -4,8 | -4,6 | -4,9 | -5,1 | -5,9 | -0,3 |
| Алоқа | 1,9 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 7,6 | 3,3 | 2,8 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 0,5 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 1,5 | 4,1 | 4,0 | 4,0 | 4,0 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | -1,8 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -0,1 | -0,1 | 0,3 | 3,7 | 4,9 | 0,0 |
| Маишӣ | 2,1 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 6,4 | 2,6 | 3,8 | 5,2 | 9,8 | 9,0 | 8,3 | 8,3 | 9,1 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо